«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон»,
_____ н.и.и.Иботзода З.Ҳ.
«___» _____ 2025с.

ТАҚРИЗ

Муассисаи пешбари МТҒ«Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон», оид ба аҳамияти илмӣ - амалии кори диссертатсионии Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи “Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод шудааст.

Мубрамияти кори илмӣ. Муайян шудааст, ки бемориҳои ҷигар ва системаи гепатобилиарӣ, инчунин заҳролудшавии он бо токсикантҳои табиаз ҷумла бо чорхлориди карбон ($CC1_4$), ки бо вайроншавии бебозгашти фаъолияти ҷигар ҷараён мегирад, инчунин бо вайроншавии истеъмоли ғизо, истифодаи трансчарбуҳо, стабилизаторҳои гуногун, моддаҳои синтезшудаи маззаовар, истифодаи доимии ғизоҳои рафинадшуда, нӯшокиҳои спиртӣ, инчунин воситаҳои доругӣ, аз ҷумла, доруҳои зиддиилтиҳобии ғайристероидӣ, антибиотикҳо, диуретикҳо, доруҳои зидди сил ва ғайра дохил мешаванд, ки ба пайдоиши гепатити шадид ё музмин, бемориҳои системаи гепатобилиарӣ, роҳҳои талха, холелитиаз, стеатози ҷигар, сиррози ҷигар ва ғайра мусоидат мекунанд [Бондарева К.С. 2013., Журковский И.П 2011., Непомнящих Г.И. 2008].

Қайд кардан лозим аст, ки механизмҳои асосии патогенетикии вайроншавии сохторҳои ҷигар, ситолиз, холестаз, илтиҳоб, вайроншавии ҷараёни баркароршавӣ (регенератсия) ва равандҳои мубодилавӣ, садамаҳои оксидшавӣ маҳсуб меёбанд [Панченко Л.Ф. 2012., Савлукев А.И. 2005].

Имрӯз барои муолиҷаву пешгирии аксар бемориҳои ҷигар асосан моддаҳои фаъоли табиӣ, гиёҳҳои шифобахши дорои флавоноидҳо, полифенолҳо, полисахаридҳо, инчунин маводи аз кислотаҳои талхагӣ, равғанҳои атрии дорои хусусияти зиддиоксидантии асил дошта, аз ҷиҳати таъсир ба равандҳои мубодилавии ба организми инсон хеле наздик ва дараҷаи пасти заҳрнокӣ доранд, дар фитотерапия, аз ҷумла тибби мардумӣ ва муосир истифода мешаванд [Опарин А.Г. 2016].

Бинобар ин мавзуи таҳқиқотии Холиқова Омина Умархоновна "Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол", аз нуқтаи назариявию амалӣ ва дар ҳалли мушкилоти таъмини аҳолии бо маводи ватании аз ҷиҳати иқтисоди каммасраф ва дастраси дорои хусусияти гепатоҳифозатӣ, талхаронӣ, гиполипидемӣ ва зиддиилтиҳобӣ арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳои асосии илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсияи номзадӣ

Вобаста ба аҳаммияти масъала, аз тарафи дисертант мақсад ва вазифаҳои дар раванди иҷроиши корҳои озмоишӣ амалӣ намуда, дуруст ва дақиқ муайян карда шудааст. Диссертатсия сохтори анъанавӣ дошта, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, боби мавод ва усулҳои таҳқиқот ва 6-боби натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад. Мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ аз таҳия, далелҳо, равандҳои методӣ имкон фароҳам меоранд, ки вазифаҳои дар диссертатсия овардашуда ҳалли худро ёбанд. Кор дар ҳаҷми 169 саҳифа оварда шуда, бо 32 ҷадвал ва 39 расм тасвир шудааст.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар маҷмӯъ дар ҳалли масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо маводи самараноки табиии аз лиҳози токсикӣ безарар ва дар муқоиса бо доруҳои хориҷӣ аз лиҳози иқтисодӣ самаранок ва дастрас мусоидат мекунад.

Саҳми шахси довталаб

Муаллифи кори диссертатсионӣ Холиқова Омина Умархоновна дар раванди амалӣ намудани ҳадафҳои диссертатсия маводди заруриро мустақилона ҷамъовари намуда, маълумот ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ оиди махмалакҳо ва равғани атрии он, муайян намудани усулҳои таҳқиқотро дар ҳайвонҳои

озмоишӣ ба анҷом расонидааст. Аз корҳои амалишуда бармеояд, ки таҳқиқотҳои озмоишӣ, коркарди оморӣ ва ҷамбасти маълумотҳои ба дастомада, хулосаҳои кори диссертатсионӣ, навиштани мақолаҳоро муаллиф мустақилона анҷом додааст. Ғайр аз ин ихтирои фаъолона дар омодасозии мақолаҳои илмӣ, иштирок ва баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ аз сатҳи баланди касбии ӯ дар рушди соҳаи илми биология ва фармакология шаҳодат медиҳад.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии ҳар як натиҷа, хулосаи довталаб, ки дар диссертатсия таҳия шудааст, ба таҳлили маводи кофӣ барои пешбарии муқаррароти асосии кор, гирифтани хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои амалӣ асос ёфтааст, ки бо мақсад ва вазифаҳои кор мувофиқат мекунад.

Навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии кор

Навгонии илмии кори диссертатсионии Холиқова О.У. бо таҳия ва омӯзиши равғани атрии махмалаки майдагул (Tagetes patula L.), ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд, алоқаманд аст. Аз ҷумла муаллиф бори аввал дар ҳайвонҳои озмоишӣ калламушҳои сафед, хукчаҳои баҳрӣ, харгӯш, мушчаҳои сафед бо истифодаи усулҳои ҳозиразамон хусусиятҳои талхаронӣ, гепатоҳифозатӣ, гиполипидемӣ, зиддиоксидӣ, зиддилтиҳобӣ ва бехатарии равғани онро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ҳамин тариқ навгонии илмии диссертатсияи Холиқова Омина Умархоновна вобаста ба омӯзиши хусусиятҳои табобатии тагетол барои пешгирии бемориҳои ҷигар, системаи гепатобилиарӣ ва бемориҳои илтиҳобии гуногунҷабҳа саҳми назаррасест дар рушди илму амалияи соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тасдиқи нашри муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия

Аз рӯйи маводи диссертатсия 16 - кори илмӣ аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи

Руссия барои нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқоти амалишударо ба пуррагӣ инъикос менамояд. Шумораи корҳои нашршуда ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқат мекунад.

Мутобиқати автореферат ба мундариҷаи диссертатсия

Муқаррароти илмӣ ва хулосаҳое, ки дар автореферат баён гардидаанд, ба мазмуни диссертатсия ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия

Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионӣ дар раванди таълимии кафедраи фармакология ва биохимияи МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" тибқи мавзуи "Хусусияти талхаронӣ, гепатопротекторӣ, зиддиилтиҳобии равғанҳои атрӣ", санади воридкунӣ (2020). "Хусусияти гипогликемӣ ва гиполипидемии равғанҳои атрӣ" Санади воридкунӣ (2021), кафедраи технолигияи фарматсевтӣ ва фармакологияи факултети фарматсияи ДМТ (санад 2022). "Хусусиятҳои токсикологӣ ва бехатарии тагетол" кафедраи биохимияи ДДТТ (2022), "Хусусиятҳои биологӣ ва таркиби кимиёии рустаниҳои равғанҳои атридор" мавриди истифода қарор додааст. Ғайр аз ин амалҳои озмоишӣ оид ба истифодабарии тагетол дар амалиёти клиникӣ барои табобат ва пешгирии бемориҳои гепатобилиарӣ, талхадон, илтиҳоби токсикии ҷигар, афзудани миқдори липидҳо ва липопротеидҳои атерогенӣ (дислипидемия) ва бемориҳои илтиҳобии пайдоиши гуногун дошта асоснок карда шудааст.

Хулоса

Ҳамин тариқ корӣ диссертатсионии Холиқова Омина Умархоновна дар мавзуи "Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ пешниҳод шудааст. Кори илмӣ – тахассусии ба анҷомрасида буда, вобаста ба мубрамият ва навгонии илмӣ моҳияти амалиаш эътимоднокӣ ва асоснокии илмиаш ба талаботи қисми 3 банди 31, 33, 34 "Тартиб додани дараҷаи илмӣ", ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 – Фармакология, фармакологияи клиникӣ ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз оид ба аҳаммияти илмӣ –амалии кори диссертатсионии Холиқова О.У. дар мавзуи "Таҳқиқоти таҷрибавии баъзе аз хусусиятҳои фармакологии тагетол" баррасӣ шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд 20 - нафар; зид- нест, бетараф – нест, протоколи № 5 «25» 02 2025с.

Раискунанда :

Муовини ректори МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон" узви вобастаи АМИТ., д.и.т., профессор Ахмедов А.А.

Эксперт:

Мудири кафедраи технологияи фармат-севтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқти-содии фарматсевтӣ, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фарматсевтӣ ва иттилоооти фарматсевтӣ МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н.

Котиби илмии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон" н.и.х. Шамсиддинов А.Ҷ

Тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо Оқилзода И.Н.

Маълумот барои тамос: МТҒ "Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон". Суроға 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кучаи Клара Сеткина 2.Тел:93 933 34 10. Dtit082020@ gmail.com